# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-010 –и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____________________________
Қароришурои диссертатсионӣ аз **08 январи соли 2026, №1**

Барои сазовор донистани Иззатуллозода Алихон Саидкул, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои химия.

Диссерататсияи Иззатуллозода Алихон Саидкул дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica dioica* L.)» аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 – Химияи органикӣ ба ҳимоя санаи 11 октябри соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №24 шурои диссертатсионии 6D.КОА-010-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Суроға: 734025, www.tnu.tj.ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқ гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Иззатуллозода Алихон Саидкул 4 декабри соли 1979 таваллуд шудааст. Ӯ соли 2004 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси биология, тахассуси «Биолог. Муаллими биология ва химия» хатм намудааст. Солҳои: 2004-2005 коромӯзи кафедраи экологияи факултети биология, 2003-2006 мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонони ДМТ, 2006-2008 аспиранти кафедраи экология, 2009-2014 ассистенти кафедраи экология ҳамзамон аз 2009 то ҳол муаллими калони кафедраи экология, 2011-2015 муовини декани факултети тиббию фарматсевтӣ оид ба таълим, 2015-2020 муовини декани факултети фарматсевтӣ оид ба таълим, 2020-2023 эдвайзери дараҷаи 2-юм дар факултети тиббӣ, 2021-2024 унвонҷӯйи Институти илмию таҳқиқотии ДМТ, 2023-2025 иҷрокунандаи вазифаи декани факултети тиббӣ, аз 15.08.2025 то ҳол дар вазифаи эдвайзери дараҷаи дуюми факултети биология фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуи «Омӯзиши фитохимиявии растаниҳои шифобахш ва худрӯйи Тоҷикистон бо мақсади дарёфти моддаҳои фаъоли биологӣ ва маводди доругӣ (рақами ба қайдгирии давлатиаш №0121TJ01002) иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Раҷабзода Сироҷиддин Икром** – доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ: Пулатов Элмурод Холикулович** - доктори илмҳои химия, сарходими илмии озмоишгоҳи синтези органикии Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Маҳкамзода Биҳамида Ҳусайн** - номзади илмҳои химия, дотсенти

кафедраи ташхиси клиникии озмоишгоҳи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз тарафи муқарриз, номзади илмҳои химия, муаллими калони кафедраи химия Сангов М.М. имзо ва аз тарафи ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ Маҳмадёрзода Усмон Маъмур тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки диссертатсияи Иззатуллозода А.С. дар мавзуи «Ҷудокунии кислотаҳои органикӣ ва лактонҳо аз таркиби газнаи духонагӣ (*Urtica dioica* L.)» аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 – Химияи органикӣ аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Иззатуллозода А.С. оид ба мавзуи диссертатсия 13 интишори илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп намуда, 4 мавод конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро ба табъ расонидааст.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. **Изатуллоев, А.С.** Изучение острой токсичности густого экстракта корневищ с корнями крапивы двудомной / **А.С. Изатуллоев**,И.Ф. Рахимов, С.М. Мусоев, Дж.Н. Джамшедов // Илм ва фановарӣ (наука и инновация) №3. Душанбе - 2019.- С. 117-119. ISSN 2312-3648.

[2-М]. **Изатуллоев, А.С.** Параметры острой токсичности густого экстракта корневищ с корнями крапивы двудомной /**А.С. Изатуллоев,** И.Ф. Рахимов, М.Х. Эльназаров, С.М. Мусозода // Илм ва фановарӣ (наука и инновация) №1. Душанбе - 2022.-С. 105-115.ISSN 2312-3648.

[3-М]. **Изатуллоев, А.С.** Разработка технологии получения сухого экстракта из сбора растительного сырья методом спиртоводной экстракции / Дж.Н. Джамшедов, И.Ф. Рахимов, **А.С. Изатуллоев,** С.М. Мусоев,О.С. Шпичак // Научный журнал, наука и инновация Таджикский национальный университет. Душанбе, 2018.№2.-С. 105-109. ISSN 2312-3648.

[4-М]. **Изатуллоев, А.С.** Изучение диуретической активности густого экстракта из корневищ крапивы двудомной/**А.С. Изатуллоев**,И.Ф. Рахимов, С.М. Мусоев, Дж.Н. Джамшедов // Научный журнал, наука и инновация. Таджикский национальный университет. Душанбе, 2020. №4-С. 284-287.ISSN 2312-3648.

[5-М]. **Изатуллоев А.С.** Химико-фармакологические свойства крапивы двудомной (обзор литературы) А.С. Изатуллоев, С.М. Мусозода, Дж.Н. Джамшедов, И.Ф. Рахимов. Научный журнал, наука и инновация. Таджикский национальный университет. Душанбе, 2019. №4-С. 140-146.ISSN 2312-3648.

[6-М]. **Иззатуллозода, А.С.** Таҳқиқи физикӣ-химиявии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйи заминӣ ва зери заминии газнаи

духонагӣ (*Urtica Dioica* L.)/ С.И. Раҷабзода, **А.С. Иззатуллозода**// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2024. №4.-С.66-76. ISSN 2413-452X.

[7-М]. **Иззатуллозода, А.С.** Таҳқиқи фармакологии экстрактҳои қисматҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ (*Urtica Dioica* L.) / С.И. Раҷабзода, **А.С. Иззатуллозода**, И.Ф.Раҳимов// Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Душанбе, 2024. №4.- С. 141-151. ISSN 2707-9996.

[8-М]. **Иззатуллоев, А.С.** Разработка технологии получения сухого экстракта из сбора растительного сырья методом спиртоводной экстракции /А.С. Иззатуллоев, Дж.Н. Джамшедов, И.Ф. Рахимов, К. Хайдаров, С.М. Мусозода, О.С. Шипичак //Научный журнал, наука и инновация. Таджикский национальный университет. Душанбе. 2018. №2-С. 105-109.ISSN 2312-3648.

[9-М]. **Иззатуллоев, А.С**. Фармакогностическое исследование hypericum scabrum L. в качестве дополнительного источника лекарственного растительного сырья /С.М.Мусоев, Р.М.Рабиев, О.С.Шпичак, Самариддини Джурахон, Иззатуллоев А.С.// Научный журнал, наука и инновация. Таджикский национальный университет;- Душанбе, 2016. №2 (10). - С. 171-177.ISSN 2312-3648.

II. Фишурдаи мақолаҳои дар конференсияҳои дараҷаҳои гуногун нашршуда:

[10-М]. **Иззатуллозода, А.С**. Таҳқиқи баъзе моддаҳои органикӣ бо усули физикӣ-химиявӣ аз таркиби решаи газна/**А.С. Иззатуллозода**, С.И. Раҷабзода// Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди самтҳои нав дар илм: вазъи кунунӣ ва дурнамои он» бахшида ба 20-солагии таъсисёбии Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (25-26 октябри соли 2024) - С.369-372

[11-М]. **Иззатуллозода, А.С.** Усулҳои физикӣ-химиявии омӯзиши таркиби решаи газна/**А.С. Иззатуллозода**, С.И. Раҷабзода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ИИТ ДМТ бахшида ба 30-юмин солгарди қабули «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (22-27 апрели соли 2024).- С.207-211

[12-М]. **Иззатуллозода, А.С.** Исследование густого экстракта из корней и корневищ крапивы двудомной /**А.С. Иззатуллозода** // Материалы республиканской научно-теоретической конференции преподавателей, сотрудников НИИ ТНУ посвященной «30-летия приниятия Конституции Республики Таджикистан» и «Годом правового просвещения» (22-27 апреля 2024 г.).- С.267-271.

[13-М]. **Иззатуллозода, А.С.**Противовоспалительные свойства густого экстракта из корней и корневищ крапивы двудомной/**А.С. Иззатуллозода**, С.И.Раджабзода, И.Ф.Раҳимов// Материалы научно-практическая конференция профессорско-преподавательского состава, докторантов, магистрантов и студентов Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, посвященная Дню таджикской науки, объявлению «Годов развития цифровой экономики и инновации (2025-

2030)» и «700-летию таджикского и персидского поэта-газелиста Хафиза Шерази» 14-19 апреля 2025 г. (естественные, точные и математические науки).- С.86-90.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд:

– Файзилов Икром Усмонович – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи биоорганикӣ ва физколлоидии МДТ«ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» бо чунин эрод:

1. Дар автореферати диссертатсия, ки бо забони давлатӣ таълиф шудааст, хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки онҳо танҳо хусусияти мубоҳисавӣ доранд.

2. Механизми таъсири молекулавии экстрактҳои узвҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ - *Urtica dioica* L. ва дараҷаи захрнокии онҳо ба кадом синф тааллуқ доранд, нофаҳмо?

– Гулов Тоир Ёрович – доктори илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химияи органикӣ ва биологияи факултети химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тақриз бе эрод аст.

– Шарофзода Фаррух Сафолбек – номзади илмҳои химия, дотсент, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи «Химияи пайвастагиҳои гетеросиклӣ»-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ. Тақриз бе эрод аст.

– Саидзода Нарзуллоҳ Бобо – доктори илмҳои фарматсевтӣ, профессори кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтии факултети фарматсевтии ДМТ. Тақриз бе эрод аст.

– Олимзода Раҳмоналӣ Амонуллоҳ – номзади илмҳои химия, дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз бе эрод аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бодарназардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори муқорризони расмӣ дар илми химияи органикӣ ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст. Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемуряке аз муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишвар ба шумор рафта дар он мутахассисони варзидаи соҳаи химия ба фаъолияти илмӣ машғул мебошанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд** мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– **коркард карда шуд:** омӯзиши моводди органикӣ, ки аз узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии растании газнаи духонагӣ ҷудо карда шудааст, метавонад дар синтези маҳини органикӣ истифода гардад.

Бори аввал узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ - *U. dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор экстраксия карда шуда, шароит ва коркарди методикаи ҷудокунии кислотаҳои органикӣвалактонисохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид аз

экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ *U.dioica*муайян карда шуда, **ошкор гардид**, ки дар таркиби экстракти газнаи духонагӣ кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ мавҷуданд.**Пешниҳод шудааст, ки** имконияти истифодаи кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ дар синтези маҳини органикӣ зарурат дорад.

**Исбот** шудааст, ки маводди газнаи духонагӣ -*U. dioica-и* хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ дорад.

**Ҷорӣ намудани** натиҷаҳои назариявӣ ва амалии омӯзишро дар курсҳои махсус дар кафедраи химияи органикӣ ва биохимия истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст,** ки саҳеҳии қонуниятҳои назариявии муқарраршуда оид ба экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор ва моддаҳои ҷудокардашудаи экстрактҳои газнаи духонагӣ бо усулҳои химиявӣ, физикӣ-химиявӣ ва биологӣ илманисботкардашудааст. Инчунин моддаҳои ҷудокардашуда, метавонанд, дар химияи координатсионӣ, ҳамчун лиганд имконият фароҳам оваранд, аҳаммияти назариявӣ доранд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, истифодаи самаранок бо усулҳои муосири физикӣ-химиявӣ ва биологии таҳқиқот, коркарди статикии натиҷаҳо таъмин ва асоснок карда шуд. Эътимоднокии натиҷаҳоро бо истифода аз методҳои стандартӣ, танзими амиқи таҷҳизоти ченгирӣ, такроршавии натиҷаҳо дар доираи васеи шароити беруна, мутобиқатии натиҷаҳои таҷрибавии таҷрибаҳои назоратӣ бо иттилооти дигар муаллифон тасдиқ менамоянд. **Баён шудани** эътимоднокии натиҷаи бадастовардашуда бо истифода аз методҳои муосири химиявӣ, физикӣ-химиявӣ ИС-, Масс-спектроскопия ва таҳлили хроматографияи маҳинқабат ва баландэффект таъмин ва асоснок карда шудааст. **Ошкор гардидани** хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронӣ дар лактони сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид ифода меёбад. **Омӯхта шуданд** сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид, ки аз таркиби газнаи духонагӣ ҷудокарда, таъсири камзаҳрии экстрактҳои газнаи духонагӣ ва дараҷаи хатарнокии онҳо ошкор карда шуд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки: бораи истифодаи лигандҳои органикӣ дар химияи координатсионӣ ба роҳ монда мешавад. **Коркардҳои илмӣ,** ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химия, биохимия, курсҳои махсус ва ҳангоми хонданӣ лексияҳо оид ба синтези органикӣ дар факултетҳои химия ва биологияи донишгоҳҳои олӣ методҳои коркардшударо метавонанд, ҳангоми иҷрои корҳои лабораторӣ, навиштани корҳои курсӣ, рисолаи хатм ва магистрӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

**Муайян карда шуданд** хусусиятҳои зидди илтиҳобӣ ва пешобронии экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ- *U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор. **Офарида шуд** натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои таҳлили муосир бадастоварда шуда, ба таври оморӣ коркард карда шудаанд: миёнаи арифметикӣ, хатогии он, ҳадди ақал ва

максималии он муайян кардашудаанд. **Муаррифӣ карда шуд** пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ, зеризаминии газнаи духонагӣ -*U. dioica* -*и* қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор бо истифода аз усули хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баландэффект тоза карда шуда, таҳқиқи физикӣ-химиявӣ ва биологӣ пайвастаҳои ҷудокардашуда:кислотаҳои аскорбин, аспарагин, аспарагинат, серин, треонин, қаҳрабо, линолевӣ ва лактонӣ сохти диметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олид гузаронида шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ усулҳои муосири таҳлили химиявӣ ва биологӣ ба таври дуруст интихоб ва татбиқ карда шуда, натиҷаҳо дар дастгоҳҳои сертификатдор ба даст овада шудаанд.Таркиби химиявии экстрактҳои аз растаниҳо ҷудо кардашуда, бо дастгоҳҳои гуногуни хроматографияи баландэффект ва маҳинқабат (дар таҷҳизоти «Кристалл 2000»), спектри массавӣ (дар таҷҳизоти «Хроматэк-Кристалл 5000М» РМЯ- (дар таҷҳизоти «Bruker AM-500»), спектри инфрасурх, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ гузаронида ва сабт карда шуданд.

**Ғоя асоснок** шудааст, ки дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалинамудаи муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба намуди газнаи духонагӣ, ки дар дигар давлатҳо омӯхташудааст, лактони сохтидиметилен-10-метил-эвдезм-7,8-олиди ҷудокардаи мо монанди дорад.

**Истифода шудаанд** тафсири натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ва таҳлили илмӣ амалӣ карда шудааст. **Муайян шудаанд** таркиби миқдорӣ ва сифатии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳои Ҳисор (ноҳияи Шаҳринав), хусусияти зиддимикробӣ, зиддилтиҳобӣ, пешобронӣ таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ.

**Истифода шудаанд**, спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект асоснок карда шуд: хроматография (дар таҷҳизоти «Кристалл 2000»), спектри массавӣ (дар таҷҳизоти «Хроматэк-Кристалл 5000М» РМЯ- (дар таҷҳизоти «Bruker AM-500»).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** ҷустуҷӯ, таҳлил ва ҷамъбасти маълумоти илмӣ оид ба коркарди методикаи экстраксияи узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор иборат аст. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ экспериментҳои дар диссертатсия овардашударо мустақилона иҷро намуда, пайвастаҳои ниҳоиро ҷудо ва тоза намудааст. Омӯзиши спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи баланэффект оид ба муайян кардани сохт, таркиб ва тозагии пайвастаҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои узвҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии газнаи духонагӣ-*U.dioica*-и қисмати ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисорро шарҳ додааст, тасдиқи корҳоро дар конференсияҳои дараҷаҳои гуногун маърӯза намуда, оид ба тайёр кардани нашриёҳо корҳоро ба анҷом расонидааст.Таҳияи хулосаҳо ва талаботи асосии диссертатсияро

мустақилона ба анҷом расонида саҳми ӯ 80 фисадро дар бар мегирад. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб. 5 хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 130 номгӯйро дар бар мегирад. иборат аст.

Диссертатсия аз 142 саҳифа иборат буда. дар он 8 нақшаи реаксия. 37 ҷадвал ва 22 расм оварда шудааст.

Дар маҷлиси 8 январи соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Иззатуллозода Алихон Саидқулро бо дараҷаи илмии номзади илмҳои химия.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд. ки аз онҳо 4 нафар доктори илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ва 1 нафар номзади илм. Овоз доданд: тарафдор 13. муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия. профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ.
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.

8.01.2026